**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.**

Яке аз соҳаҳои асосии агросаноатӣ – ин истеҳсол ва коркарди зироатҳои равғандиҳанда мебошад. Равған маҳсулоти истеъмолии ҳаррӯзаи ҳар як хонавода ба шумор рафта, дар маҷмӯи ҳадди ақали маҳсулоти ғизоӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ ба ҳар сари инсон дар як сол 16,6 кг муайян карда шудааст. Бо назардошти ин нишондод ва афзоиши аҳолии кишварамон талаботи солона ба равған зиёда аз 160 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад.

Талаботи босуръати аҳолии кишварро ба равғани растанӣ ба назар гирифта, зиёд намудани масоҳати кишти зироатҳои равғандиҳанда, аз ҳисоби заминҳои обӣ, бо роҳи самаранок истифода бурдани захираҳои биоиқлимӣ, рӯёнидани 2-3 ҳосил дар як сол – вазифаи асосии илмӣ имрӯза ва истеҳсолот боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз барои ҳалли масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ кори илмии Бегназаров Д.Б. саривақти буда, барои соҳаи кишоварзӣ ниҳоят арзишнок мебошад.

Таҷрибаҳои саҳроӣ тайи солҳои 2012-2014 дар заминҳои обёришавандаи хоҷагии таҷрибавии ба номи Дзержинский (ҳоло хоҷагии таҷрибавии Зарнисор)-и ш. Ҳисор баъд аз ҷамъоварии ҷави маҳалии минтақабобшудаи навъи “Пӯлодӣ” гузошта шуданд, ба сифати маводи таҳқиқот чормағзи заминии дар ҷумҳури минтақабобшудаи навъи “Тоҷикӣ – 15” истифода бурда шудааст.

Таҳлили корҳои илмии бисёрсолаи Бегназаров Д.Б., нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ оид ба технологияи парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ таҳқиқотҳо гузаронида нашудааст. Дар натиҷаи таҷрибаҳо муаллиф муайян намуд, ки парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш мебошад. Аз муҳлати кишти нимаи аввали моҳи июн бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 га бо ҳосилнокии 33 с/га ғилофакҳо 10025 сомонӣ фоидаи соф ба даст оварда шудааст.

Натиҷаи корҳои таҳқиқотии унвоҷӯ доир ба мавзӯъ дар 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мавод дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ

вобаста аз мухлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳо” мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01. – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент,
мудири кафедраи агротехнология ва экологияи саноат,
Донишкадаи политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи ак. М.С.Осимӣ
дар ш. Хуҷанд (ДПДТТХ) **Рашидов Н.Ҷ.**
**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, хиёбони И.Сомонӣ 226.
**Тел. моб.:** +992 92 720 5057
**Почтаи элек.:** naimrashidov-tj@mail.ru

Имзои Н.Ҷ. Рашидовро тасдиқ менамоям:
Мудири ШК (ДПДТТХ) **Ёқубова М.А.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО

28/03/2023с.